ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ТДУ: 32.001 (575.3)**
**ТКБ: 66.4 (2 тоҷик)**
**Х – 66**

**ХОЛОВ ХУШБАХТ ҚОДИРОВИЧ**

# ТАШАККУЛИ СИСТЕМАИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ХУСУСИЯТҲОИ ИНКИШОФИ ОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**ДУШАНБЕ–2022**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардидааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович** – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ;<br>**Комилбек Амид Ёрбек** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур |

Ҳимояи диссертатсия «15» апрели соли 2022, соати «$16^{00}$» дар маҷлиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, бинои таълимии 15, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. (+992) 919-60-69-66) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва сомонаи расмии ДМТ www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ________соли 2022 тавзеъ шудааст.

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Аҳамияти мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули системаи сиёсии ҷомеа ҳамчун масъалаи муҳимму рӯзмарра ҳам аҳамияти илмию назариявӣ ва ҳам амалӣ дошта, дар низоми донишҳои сиёсӣ яке аз масъалаҳои меҳварӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур тӯли даҳсолаҳост, ки мавриди муҳокима ва пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Бахусус, таҳқиқи он дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии давраи гузариши сиёсӣ аҳамияти махсусан илмию амалиро соҳиб аст. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳо, хусусиятҳои гуногун ва пешомадҳои инкишофи он аҳамияти махсус пайдо намуда, дар рушди низоми нави давлатдории миллӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд.

Тамоюли асосии ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва махсусиятҳои раванди инкишофи он аз солҳои 90-уми асри XX оғоз мегардад. Дар раванди гузариш аз низоми коммунистӣ ба низоми демократӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилот рӯ ба рӯ гардид, ки хоси чунин кишварҳои дар ҳоли гузариш аз як система ба системаи дигари сиёсӣ мебошад. Аз ҷумла, таназзули низоми иқтисодӣ, бӯҳрони сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, зиддиятҳои иҷтимоӣ, тамоюлҳои маҳалгароӣ, фасоди идорӣ ва ҷиноӣ, ноустувории фаъолияти ниҳодҳои демократӣ ва ғайра. Хусусиятҳои рушди сиёсии кишвар дар марҳалаи аввали истиқлолияти давлатӣ на чандон ба ташаккули системаи нави сиёсӣ, балки зиёда аз он, ба бунёди давлатдории навин ва равандҳои мураккаби ҳамқадами он вобаста мегарданд.

Раванди ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз эълон гардидани истиқлолияти давлатии он оғоз меёбад. Баъди ба дастовардани истиқлолият Тоҷикистон дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи маданӣ, ки ба иқтисоди бозоргонӣ асос ёфтааст, қарор гирифт. Таҳким ва рушди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ дар Тоҷикистон тавассути бартараф намудани ихтилофоте, ки вобаста ба рушди системаи нави сиёсии ҷомеа дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва дигар ниҳодҳо дар маҷмуъ анҷом меёбад, амалӣ мешавад.

Аҳамияти мавзуи интихобшуда дар он ифода меёбад, ки зарурияти омӯзиш ва баррасии на танҳо самтҳои нави инкишофи системаи сиёсии Тоҷикистон дар давраи ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ мавриди таҳқиқ қарор гирад, балки махсусиятҳои ташаккули раванди сиёсии дар рушди ҳаёти сиёсии ҷумҳурии соҳибистиқлол баамаломада низ нишон дода шавад. Ҳамчунин, таҳқиқи системаи сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон аз он ҷиҳат аҳамияти муҳим пайдо менамояд, ки дар давраи модернизатсияи сиёсӣ он хосиятҳои гуногун пайдо намуда, аз ҳолати пешина ба куллӣ фарқ менамояд.

Бухрони ба вуҷудомада, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти Тоҷикистонро фаро гирифта буд, тақозо менамояд, ки хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии кишвар мавриди таҳлили амиқ қарор гирад, масъалаҳои сиёсӣ вобаста ба фаъолияти институтҳои сиёсӣ таҳлил гарданд.

Ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолият дар шароити душвори иҷтимоию фарҳангӣ сурат гирифт, ки низоми анъанавии арзишот, шакли муқарраршудаи шуури сиёсӣ, стратегияҳои рафтори сиёсӣ то андозае ба қабули меъёрҳои нави демократӣ ва устуворгардонии институтҳои демократӣ халал мерасониданд. Ҳамчунин, ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистонро делегимитатсияи навовариҳои институтсионалӣ ҳамроҳӣ менамуд.

Равандҳои сиёсии баъди бадастории истиқлолияти давлатиро метавон ба сифати тамоюлҳои муҳимми тағйири системаи сиёсии ҷомеа эътироф намуд. Зеро он замон, баъд аз сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо вазифаи бунёд ва таҳкими системаи нави сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, балки масъалаи ҳифз, устуворгардонии ягонагӣ ва таъмини ҳастии кишвар меистод. Бинобар ин, дарки воқеияти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва махсусан, равандҳои сиёсӣ дар шароити ҳалли мусолиҳатомези моҷарои сиёсӣ, таҷрибаи минбаъдаи ташаккулу инкишофи системаи сиёсии Тоҷикистон ва хусусиятҳои он аҳамияти омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро дучанд мегардонад.

Ҳамин тавр, таҳқиқи масъалаҳои гуногуни ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусиятҳои зуҳури онҳо, моҳият ва шаклгирии онҳо ҳамчун масъалаи рӯзмарра аҳамияти барҷастаро соҳибанд. Омӯзиши васеъ ҳамаҷонибаи онҳо имконият медиҳанд, ки муаммоҳо, масъалаҳо ва пешомади инкишофи мамлакат беҳтару хубтар мавриди баррасию хулосагирӣ қарор гиранд. Ҳолати мазкурро ба эътибор гирифта, зарур донистем, ки мавзуи мазкурро ба сифати кори диссертатсионӣ интихоб намоем.

**Дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзиш.** Мафҳуми “системаи сиёсӣ” чандон таърихи тӯлонӣ надошта, он бори аввал дар доираи илмҳои сиёсӣ дар солҳои 50-уми асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст. Баъдан дар солҳои 60-70-уми асри XX мафҳуми “системаи сиёсӣ”-ро қариб ҳамаи мактабҳои илми сиёсӣ барои инъикоси доираи эътирофгаштаи масъалаҳо ва равандҳои сиёсӣ истифода мебурданд. Истифодаи васеи он вобаста ба характери системанокии сиёсат ва фаъолияти сиёсӣ сурат гирифтааст. Новобаста аз ин, ҷанбаҳои алоҳидаи назарияи системаи сиёсиро ҳанӯз дар таҳқиқоти мутафаккирони давраи антиқа пайдо намудан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки ба масъалаҳои алоқаманд ба системаи сиёсӣ ҳамеша дар тӯли таърих вуҷуд дошт, таваҷҷуҳ сурат мегирифт.

Таҳқиқи амиқи мафҳуми «системаи сиёсӣ» имконият медиҳад, ки моҳияти сиёсию иҷтимоии масъала, воқеияти муносибатҳои сиёсӣ, институтҳо, меъёрҳо ва принсипҳои ташкил ва таҳкими ҳокимият бозкушой гардад. Бо мақсади иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва системанок гардонидани ҷараёни таҳлили мавзуъ маҷмуи таҳқиқотҳоро, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои алоҳидаи раванди ташаккул ва инкишофи системаи сиёсӣ нигаронида шудаанд, ба тариқи зайл гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст.

**Ба гурӯҳи аввал** осори мутафаккирони барҷастае, ки асарҳояшон дар соҳаи илмҳои сиёсӣ бунёдӣ ҳастанд, аз қабили Конфутсий, Афлотун, Арасту, Н. Макиавелли, Т. Гоббс, Ҷ. Локк, Ш. Монтеске, Г. Гегел, А. Токвил, К. Маркс, Ф. Энгелс, М. Вебер[1] ва ғайра дохил мешаванд.

**Ба гурӯҳи дуюм** асарҳое дохил мешаванд, ки ҷанбаҳои классикӣ ва умуминазариявию методологии масъалаи ташаккул ва инкишофи системаҳои сиёсиро таҳқиқ менамоянд. Ба ин гурӯҳ асарҳои Д. Истон, Т. Парсонс, Г. Алмонд, М. Дюверже[2] ва ғайра дохил мегарданд.

Бори аввал дар таърихи илмҳои сиёсӣ мафҳуми "системаи сиёсӣ" дар мақолаи олими барҷастаи америкоӣ Д. Истон "Системаи сиёсӣ"[3] тобиши илмӣ пайдо намудааст.

Муҳаққиқи барҷаста Т. Парсонс дар асараш "Системаи ҷомеаи муосир" нахустин шуда, назарияи умумии системаро дар алоқамандӣ ба раванди

---

[1]Ниг.: Антология мировой политической мысли: в 5 т. [Текст] / Отв. ред. И.Г. Усачев. – М.: Мысль, 1997. – 830 с.; Платон. Государство. Политик. Законы. Соч.: в 3 т. [Текст] / Платон. – М.: Мысль, 1972. – 832 с.; Аристотель. Политика. Афинская полития [Текст] / Аристотель. – М.: Мысль, 1997. – 458 с.; Макиавелли, Н. Государь [Текст] / Н. Макиавелли. – СПб.: Азбука, 2014. – 512 с.; Гоббс, Т. Левиафан. Соч.: в 2 т. [Текст] / Т. Гоббс. – М.: Мысль, 1991. – 731 с.; Локк, Дж. Два трактата о государственном правлении. Соч.: в 3 т. [Текст] / Дж. Локк. – М.: Мысль, 1988. – 668 с.; Монтескье, Ш. Избранные произведения [Текст] / Ш. Монтескье. – М.: Госполитиздат, 1955. – 799 с.; Гегель, Г. Философия права [Текст] / Г. Гегель. – М.: Соцэгиз, 1990. – 524 с.; Токвиль, А. Демократия в Америке [Текст] / А. Токвиль. Пер. с. франц. – М.: Прогресс, 1992. – 554 с.; Маркс, К. Морализирующая критика и критизирующая мораль [Текст]: Соч. 2-е изд. т. 4 / К. Маркс, Ф. Энгельс. – М.: Политиздат, 1955. – 615 с.; Вебер, М. Избранные произведения [Текст] / М. Вебер. – М.: Прогресс, 1990. – 808 с.

[2]Ниг.: Истон, Д. Новая революция в политической науке [Текст] / Д. Истон // Социально-политический журнал. – 1993. – №8. – С. 115–128; Боз вай. Категории системного анализа политики [Текст] / Д. Истон // Антология мировой политической мысли: в 5 т. / Ред. Г.Ю. Семегин. – М.: Мысль, 1997. Т. II. – С. 630–642; Парсонс, Т. Общетеоретические проблемы социологии [Текст] / Т. Парсонс // Социология сегодня: Проблемы и перспективы. – М.: Прогресс, 1965. – С. 25–67; Боз вай. Современное состояние и перспективы систематической теории в социологии [Текст] / Т. Парсонс // Современная западная теоретическая социология. – М.: ИНИОН РАН, 1994. – С. 386–420; Боз вай. Система координат действияи общая теория система действия: культура, личность и место социальных систем [Текст] / Т. Парсонс // Американская социологическая мысл. – М.: Наука, 1996. – С. 280–281; Боз вай. Понятие общества: компоненты и их взаимоотношения [Текст] / Т. Парсонс // Современная западная теоретическая социология. – М.: ИНИОН РАН, 1994. – С. 94–122; Боз вай. Система современных обществ [Текст] / Т. Парсонс. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 1997. – 270 с.; Алмонд, Г. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор [Текст] / Г. Алмонд, Дж. Пауэлл, К. Сторм, Р. Далтон. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 537 с.; Дюверже, М. Политические партии [Текст] / М. Дюверже. Пер. с франц. – М.: Академический Проект, 2000. – 538 с.

[3]Ниг.: Easton, D. The Political System [Text] / D. Easton // An Inquiry into the State of Political Science, New York: Knopf. 1953. – P. 139–159.

иҷтимоӣ-сиёсӣ тадқиқ намуда, нақши системаи сиёсиро дар таъмини ҳамгироӣ ва коркарди мақсадҳои умумӣ мебинад[1]. Дар таълимоти ӯ ҷомеа ҳамчун равобити мутақобилаи чор зерсистема: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ баромад менамояд. Ҳар яке аз ин зерсистемаҳо вазифаҳои муайяни худро тибқи талабот аз дохилу хориҷ ба амал мебароранд. Аҳамияти назарияи Т. Парсонс барои рушду инкишофи илмҳои сиёсӣ дар он аст, ки ӯ муносибати системавӣ ва таркиботию функсионалиро ҷиҳати таҳқиқи системаи сиёсӣ асос гузошт.

**Ба гурӯҳи сеюм** асарҳои муҳаққиқони рус, ки ба таври нисбатан амиқтар масъалаи системаи сиёсиро дар давраи гузариш таҳқиқ намудаанд, метавон дохил намуд, аз ҷумла: С.С. Андреев, М.Г. Анохин, В.К. Борисов, Е.В. Бродовская, Е.Е. Гришнова, Г.В. Каменская, А.Н. Родионов, Б.А. Смирнов, Л.И. Селезнев, Б.Н. Топорнин, Ч. Эндрей[2] ва ғайра.

**Ба гурӯҳи чорум** асарҳое шомил мегарданд, ки дар онҳо кӯшиши бозкушоии комили мафҳуми "системаи сиёсӣ" ва таҳқиқи асосҳои методологию консептуалии он сурат мегирад. Ба ин гурӯҳ асарҳои як қатор муҳаққиқони кишварҳои пасошуравӣ, ба монанди: М.Н. Марченко, Г.Н. Манов, Н.И. Матузов, А.В. Малко, Ю.А. Дилитров, С.А. Камаров, С.В. Клименко, А.Л. Чичерин, С.С. Алексеев[3] ва ғайра дохил мешаванд, ки

---

[1]Ниг.: Парсонс, Т. Система современных обществ [Текст] / Т. Парсонс. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 1997. – С. 136–142.

[2]Ниг.: Андреев, С.С. Политические системы и политические организации общества [Текст] / С.С. Андреев // Соц. полит. науки. 1992, № 1. – С. 15–35; Анохин, М.Г. Политические системы: адаптация, динамика, устойчивость (теоретико-прикладной анализа) [Текст] / М.Г. Анохин. – М.: Агентство «Инфомарт», 1996. – 188 с.; Борисов, В.К. Теория политической системы [Текст] / В.К. Борисов. – М.: «Знание» РСФСР, 1991. – 36 с.; Бродовская, Е.В. Ценностная система общества как фактор политической трансформации современной России [Текст] / Е.В. Бродовская. – Тула: Изд. ТулГУ, 2004. – 212 с.; Боз вай. Взаимовлияние политиеской трансформации и эволюции ценностной системы современного российского общества [Текст] / Е.В. Бродовская. – Тула: ТулГУ, 2006. – 540 с.; Боз вай. Аксиологическая трансформация в политическом процессе: признаки, формы, результаты [Текст] / Е.В. Бродовская // Известия Тульского государственного университета. Серия социология и политология. Вып. 5. Тула, 2004. – С. 23–33; Гришнова, Е.Е. Политическая система общества [Текст] / Е.Е. Гришнова. – М., 1996. – С. 55–66; Боз вай. Типологии классификаций политических систем общества [Текст] / Е.Е. Гришнова. – М.: УРАО, 1997. – С. 21–24; Каменская, Г.В. Политические системы современности: пособие [Текст] / Г.В. Каменская, А.Н. Родионов. – М.: Онега, 1994. – 222 с.; Смирнов, Б.А. Политическая сфера общества [Текст] / Б.А. Смирнов. – М.: Книжный мир, 2002. – 65 с.; Селезнев, Л.И. Политическая система современности: сравнительная анализ [Текст] / Л.И. Слезнев. – СПб: ТОО ТК «Петрополис», 1995. – 252 с.; Топорнин, Б.Н. Политическая системаразвитого социалистического общества [Текст] / Б.Н. Топорнин. – М.: Наука, 1979. – 302 с.; Боз вай. Политические системы современности [Текст] / Б.Н. Топорнин. – М.: Наука, 1978. – 347 с.; Боз вай. Основы теория политической системы [Текст] / Б.Н. Топорнин. – М.: Наука, 1985. – 364 с.; Эндрейн, Ч. Сравнительный анализ политических систем [Текст] / Ч. Эндрейн. – М.: «Весь Мир», 2000. – 320 с.

[3]Ниг.: Марченко, М.Н. Политическая система современного буржуазного общества. Политико-правовое исследование [Текст] / М.Н. Марченко. – М.: Изд. МГУ, 1981. – 302 с.; Боз вай. Очерки теории политической системы [Текст] / М.Н. Марченко. – М.: МГУ, 1985. – 304 с.; Манов, Г.Н. Основы теории политических систем [Текст] / Г.Н. Манов. – М., 1997. – 343 с.; Матузов, Н.И. Теория государства и права [Текст] / Н.И. Мартузов, А.В. Малько. – М., 2001. – 776 с.; Комаров,

аҳамияти илмию назариявӣ доранд. Олимони мазкур дар асарҳои хеш бо истифода аз таҳлили сохторию функсионалӣ раванди дигаргуншавии системаи сиёсии ҷомеа ва дар зери таъсири кадом омилҳо ба амал омадани ин дигаргуниҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон, дар асарҳои олимони мазкур масъалаҳои умумии равобити мутақобилаи давлат бо системаи сиёсии ҷомеа нишон дода шудааст. Онҳо талаботи замони муосирро ба инобат гирифта, роҷеъ ба қонуниятҳои ташаккулёбии системаи сиёсии ҷомеа консепсияҳои мухталифи илмӣ ва андешаҳои гуногуни худро баён намудаанд. Махсусан, дар асари М.Н. Марченко “Очеркҳо оид ба назарияи системаи сиёсӣ” унсурҳои муҳимтарини системаи сиёсии ҷомеа ва вазифаҳои онҳо мавриди омӯзиши васеъ қарор гирифтааст.

**Ба гурӯҳи панҷум** асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни системаи сиёсӣ вобаста ба раванди тағйирёбии ҷомеа ҳамчун самти афзалиятноки илмҳои сиёсӣ дохил мешаванд. Дар асарҳои илмии чунин олимон, ба монанди С.С. Ануфриев, Г.А. Белов, Б.И. Краснов, Е.Н. Тарасов, М.Х. Фарукшин, Р.Г. Абдулатипов[1] ва дигарон масъалаи айният ва тафовутҳои системаи сиёсӣ ва сохтори сиёсии ҷомеа ба таври муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосии системаи сиёсӣ дар шароити тағйирёбии ҷомеа нишон дода шудаанд. Дар таҳқиқоти онҳо моҳияти иҷтимоии давлат, шаклҳои давлат ва махсусан, нақш ва мавқеи он дар системаи сиёсии ҷомеа ба таври муфассал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Ба гурӯҳи шашум** асарҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо масъалаҳои алоқаманд ба махсусиятҳои ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, алалхусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст.

Хусусан, дар суханронӣ, паёмҳо, баромадҳо ва асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

---

С.А. Личность. Права и свободы. Политическая система [Текст] / С.А. Комаров, И.В. Ростовщиков. – М.: Изд. юридического института, 2002. – 336 с.; Клименко, С.В. Основы государства и права [Текст] / С.В. Клименко, А.Л. Чичерин. – М.: Изд-во «Зерцало», 2010. – 388 с.; Алексеев, С.С. Государство и право [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Изд. «Проспект», 2015. – 152 с.

[1]Ниг.: Ануфриев, С.С. Политическая система и политическая организация общества [Текст] / С.С. Ануфриев // Социально-политические науки. – 1992. – № 2. – С. 3–25; Белов, Г.А. Функции политической системы [Текст] / Г.А. Белов // Кентавр. – 1995. – № 3. – С. 152–160; Боз вай. Эволюция нормативной политической системы современного российского общества [Текст] / Г.А. Белов // ОНС. – 1991. № 1. – С. 45–54; Краснов, Б.И. Политическая жизнь общества и ее демократические параметри [Текст] / Б.И. Краснов // Социально-политический журнал. – 1995. – № 4. – С. 90–100; Тарасов, Е.Н. Государство как институт политической системы [Текст] / Е.Н. Тарасов // Социально-политический журнал. – 1994. – №. 1–2. – С. 68–80; Фарукшин, М.Х. Политическая система общества [Текст] / М.Х. Фарукшин // Социально-политические науки. – 1991. – № 5. – С. 64-–67; Абдулатипов, Р.Г. Человек, нация и общества [Текст] / Р.Г. Абдулатипов. – М.: Политиздат, 1991. – 224 с.

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] ба таври возеҳ равандҳои сиёсии Тоҷикистони муосир, аз ҷумла, масъалаҳои истиқлолияти сиёсии кишвар, ташаккули системаи сиёсӣ дар давраи гузариш, роҳҳои асосӣ ва воситаҳои баромадан аз бӯҳрони умумӣ, хотимаи ҷанги шаҳрвандӣ, масъалаи барқарории сулҳ ва ризоияти миллӣ, ислоҳоти сиёсӣ, рушди минбаъдаи Тоҷикистон ва ғайра баррасӣ гардидаанд.

Дар такя ба мавқеъгирии олимони хориҷӣ ба масъала намояндагони илмҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон хусусиятҳои марҳилавӣ, тартиби иерархӣ ва омилҳои сохтории шакли гузариш, нақши субъектони сиёсат дар ин раванд, масъалаи ташаккули моҷарои сиёсӣ ва дарёфти роҳи ҳалли он, шаклгирии системаи сиёсии имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраро баррасӣ намудаанд. Гурӯҳи зерини масъалаҳо, инчунин, таҳқиқотҳо доир ба тамоюлҳо ва инкишофи хусусияти сохтори институтсионалӣ дар шароити ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол таваҷҷуҳи Г. Зокиров, А. Маҳмадов, С. Ятимов, С. Шарифов, М. Хидирова, Х. Идиев, А. Имомов, М. Назаров, М. Акмалова, М. Раҳимов, А. Раҳимов, Қ. Расулов, Н. Муродова, К. Олимов, П. Шозимов, А. Маҳмадазимов, М. Каримова, А. Комилбеков[2] ва дигаронро ба худ ҷалб намудаанд.

---

[1]Ниг.: Рахмонов, Э. Юбилей независимости и второй всемирный форум таджиков [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 72 с.; Боз вай. Таджикистан на пороге будущего [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Шарки озод, 1997. – 24 с.; Боз вай. Молодёжь - будущее суверенного Таджикистана [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1997. – 48 с.; Боз вай. Долгий путь к миру [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 125 с.; Боз вай. Наша цель – единство, согласие, созидание! [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 160 с.; Боз вай. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания. Т.1 [Текст] / Э. Рахмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 532 с.; Боз вай. Тоҷикон дар оина таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Текст] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.; Боз вай. Уфуқҳои истиқлол [Матн] / Э. Раҳмон. – Душанбе: Ганҷ - нашриёт, 2018. – 436 с.

[2]Ниг.: Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 352 с.; Боз вай. Истиқлолияти сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: 2006. – 156 с.; Боз вай. Идеологияи сиёсӣ [Матн] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: 2008. – 184 с.; Маҳмадов, А.Н. Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 98 с.; Ятимов, С.С. Таҳлили стратегӣ ваояндабинии сиёсӣ [Матн] / С.С. Ятимов. – Душанбе, 2015. – 144с.; Боз вай. Идеология ва манфиати миллӣ [Текст] – С.С. Ятимов. – Душанбе, 2015. – 191 с.; Шарипов, С.И. Таджикистан: демократизация политических отношений [Текст] / С.И. Шарипов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 257 с.; Хидирова, М. Политические идеологии современного мира [Текст] / М. Хидирова, А. Махмадов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 96 с.; Хидирова, М.У. Институт лидерства в трансформационном обществе [Текст] / М. Хидирова. – Душанбе, 2008; Идиев, Х.У. Трансформирующейся таджикское общество [Текст] / Х.У. Идиев. – Душанбе, 2003. – 230 с.; Имомов, А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Имомов. – Душанбе, 1997. – 390 с.; Боз вай. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992–1998) [Текст] / А. Имомов. – Душанбе, 1998. – 206 с.; Назаров, М.А. Становление нового качества в развитии постсоветского общества [Текст] / М.А. Назаров. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 160 с.; Акмалова, М.А. Истиқлолияти давлатӣ ва амният дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ [Матн] / М.А. Акмалова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2015. № 4. – С. 144–155; Рахимов, М.Х. Гражданское общество: теория и методологии [Текст] / М.Х. Рахимов // Вестник Таджикского технического университета. – 2014. – № 4. – С. 137-141; Раҳимов, А. Системаи сиёсии ҷамъият [Матн] / А. Раҳимов, Қ. Расулов. – Душанбе: Хумо, 2005. – 108 с.; Расулов, К. М. Национальные и политические процессы независимости Таджикистана [Текст] / К.

Мавқеи барҷастаро дар омӯзиши ҷиҳатҳои назариявии масъалаи системаи сиёсӣ таҳқиқоти Г.Н. Зокиров ишғол менамояд. Ӯ дар китоби худ "Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф" раванди ташаккулёбии системаи сиёсиро дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода додааст[1]. Инчунин, муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи системаи сиёсиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст.

Аммо дар ҳамаи корҳои ишорашуда масъалаи системаи сиёсии ҷомеа дар маҷмуъ таҳлил гардида, хусусиятҳои хоси раванди пайдоиш, ташаккул ва рушди ин масъала ба таври умумӣ фаро гирифта шудаанд. Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомёфта, ки ба рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷиҳатҳои алоҳидаи он алоқаманданд, дар адабиёти илмии ватанӣ дар сатҳи зарурӣ таҳқиқи комили инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи бадастории истиқлолияти давлатӣ ва зиёда аз ин, дар шароити таҳкими давлатдории миллӣ анҷом наёфтааст. Маҳз ин ва дигар ҳолатҳо асосҳои интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро муайян намудаанд. Аммо мураккабии мавзуи таҳқиқотиро дарк намуда, муаллиф даъвои ба таври комил ҳал намудани масъалаҳоро надорад. Мавзуи таҳқиқотии мазкур саъйю талошҳои якҷояи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм, коллективҳои илмӣ ва муносибати синергетикию комплексиро тақозо дорад.

**Объекти таҳқиқотро** раванди ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** фарогири масъалаҳои назариявию амалии инкишофи системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар шароити Тоҷикистони муосир мебошад.

---

Расулов, М. Гулахмедов. – Душанбе: Маориф, 2001. – 230 с.; Муродова, Н.С. Политические процессы переходного периода в Республике Таджикистан [Текст] / Н.С. Муродова. – Душанбе, 2008. – 198 с.; Олимов, К.О. Построение национального государства [Текст] / К.О. Олимов. – Душанбе: Ирфон, 2004. – 78 с.; Шозимов, П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане [Текст] / П.Д. Шозимов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 346 с.; Махмадазимов, А. Политическая история таджикского народа [Текст] / А. Махмадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360 с; Каримова, М.Б. Особенности развития политической системы Республики Таджикистан: ее вилияние на внутреннюю и внешнюю политику страны [Текст]: автореф. дисс. … канд. полит. наук / М.Б. Каримова. – М., 2010. – 28 с.; Комилбек, А.Ё. Эволюция идей о политическом управлении в истории социально-политической мысли [Текст] / А.Ё. Комилбек // Государственное управление. – 2020. – № 4-1 (48). – С. 167–177; Боз вай. Политическая система Республики Таджикистан и роль Президента Эмомали Рахмона в ее становлении и развитии [Текст] / А.Ё. Комилбеков // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2016. – № 2. – С. 84–87.

[1]Ниг.: Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф [Матн] / Г.Н. Зокиров. –Душанбе: Истеъдод, 2011. – С. 206–223.

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пажӯҳиш, таҳлилу натиҷагирии хусусиятҳо, ҷараёни инкишоф ва пайомадҳои ташаккул ва таҳкими системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти хусусиятҳои раванди ташаккул ва инкишофи система сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити демократикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ дар раванди таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин ба миён гузошта мешаванд:

– таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологии мафҳуми “системаи сиёсии ҷомеа” ва таҳлили унсурҳои таркибии он;

– баррасии тарҳи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа ва муайян намудани хусусиятҳои таркибию фунсионалии он;

– таҳлили амиқи унсурҳои асосии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои асосии ташаккулёбии он;

– таҳқиқи масъалаҳои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– ошкор намудани сабабҳо ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани нақши неруҳои сиёсӣ дар ҳалли моҷарои сиёсӣ, раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар;

– муайян намудани равобити байниҳамдигарии давлат ва институтҳои дигари системаи сиёсӣ дар раванди таҳкими истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа;

– ошкор кардани моҳият ва хусусиятҳои ташаккулу инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи раванди демократикунонии соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

– муайян намудани тамоюлҳои асосӣ ва дурнамои рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ дар шароити муосир.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз мақсад ва вазифаҳои пешгузоштašуда бармеояд, ки ҷиҳатҳои зеринро дар бар мегирад:

– аз ҷиҳати назариявию методологӣ мафҳуми “системаи сиёсии ҷомеа” таҳқиқ гардида, унсурҳои асосии таркибии он таҳлил карда шуданд;

– тарҳи институтсионалии системаи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, хусусиятҳои таркибию функсионалии он дақиқан муайян карда шуданд;

– унсурҳои асосӣ ва хусусиятҳои ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, маводи гуногуни алоқаманд ба ин масъала таҳлилу натиҷагирӣ гардиданд;

– масъалаҳои алоқаманд ба таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд;

– сабабҳо ва омилҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, нақши неруҳои сиёсӣ дар ҳалли моҷарои сиёсӣ, раванди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар нишон дода шуданд;

– равобити мутақобилаи давлат ва институтҳои дигари системаи сиёсӣ дар раванди таҳкими Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ҳаёти сиёсии ҷомеа муайян карда шуданд;

– барои дарки шароит, хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш гардида, моҳияти он дар заминаи демократикунонии муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба равандҳои сиёсӣ ошкор шуданд;

– дар асоси таҳқиқоти комплексӣ тамоюлҳои асосӣ ва дурнамои рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати миллӣ дар шароити муосир асоснок карда шуданд.

**Ҳолатҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Соҳаи ҳаёти сиёсӣ дар доираи механизми махсусе қарор дорад, ки он ягонагӣ ва ваҳдати комилро дар ҷамъият таъмин менамояд ва ин механизм системаи сиёсии ҷомеа номида мешавад. Дар асоси муносибати системанокӣ соҳаи ҳаёти сиёсии ҷамъият ҳамчун системаи ягонаи бонизом баррасӣ мегардад. Дар ин тарзи муносибат мафҳуми “системаи сиёсӣ” ба сифати мафҳуми бунёдӣ баромад намуда, истифодаи он имконият медиҳад, ки соҳаи ҳаёти сиёсӣ аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ҷудо карда шуда, ҳамчун қисми мустақил ё худ зерсистема дар доираи системаи ҷамъиятӣ баррасӣ гардад. Дар робита ба қонуниятҳои инкишофи ҷомеа табиист, ки мафҳуми “системаи сиёсӣ” мазмун ва мундариҷаи ба худ хосро дар ҳар як давру замон соҳиб аст.

2. Таърихан системаи сиёсӣ ҳамчун меҳвари ҳокимият ва муносибатҳои сиёсӣ аз замони ба вуҷуд омадани моликияти хусусӣ, пайдоиши синфҳо ва ташаккули аввалин давлатҳо пайдо гардидааст. Ҳарчанд мафҳуми мазкур дар давраҳои зиёди таърихӣ мавриди истифода қарор надошта бошад ҳам, аммо дар замони худ мутафаккирон паҳлуҳои ҷудогонаи ҳаёти сиёсиро ба таври мушаххас арзёбӣ намудаанд.

Дар адабиёти илмии муосир шарҳи гуногуни мафҳум ва моҳияти системаи сиёсиро вохӯрдан мумкин аст. Дар таҳқиқоти олимони америкоӣ, фаронсавӣ, немис, англис, рус ва ғайра низ таърифҳои гуногуни системаи сиёсии ҷомеа мавҷуд аст. Бо назардошти таҳлили назари муҳаққиқон метавон системаи сиёсиро чунин шарҳ дод: системаи сиёсии ҷомеа – ин маҷмуи мураккаби таркиботи институтсионалии давлат ва ҷомеа мебошад, ки ба қоидаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтаанд ва дар доираи он ҳаёти сиёсии ҷомеа ташаккул ёфта, воқеияти ҳокимияти сиёсӣ татбиқ мегардад.

3. Аввалин институти системаи сиёсӣ ин давлат мебошад, ки дар иртибот ба тақсими ҷомеа ба синфҳои ба ҳам зид, ташаккули аввалин меъёрҳои сиёсии идоракунии ҷомеа ва бавуҷудоии системаи сиёсии

нокомил баробар пайдо гардидааст. Дар марҳилаҳои аввали пайдоиш ва ташаккулёбии давлат системаи сиёсии ҷомеа бисёр ноқис буда, на дар ҳама ҳолат метавонист фаъолияти институтиҳои давлатиро дар сатҳи зарурӣ таъмин намояд. Нақши бузург дар мураккабгардии системаи сиёсиро зиддиятҳои синфие, ки дар низоми муносибатҳои буржуазӣ ба вуҷуд омада буданд, гузоштанд. Барои он ки ҳар гуна манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ дар байни синфҳои мухталифи ҷамъиятӣ ва қишрҳои ҷомеа муттаҳид карда шаванд, як қатор ташкилотҳо созмон дода шуданд. Барои ба танзим даровардани фаъолияти чунин институтҳо, ҳамчунин, дигар фаъолиятҳои сиёсӣ, зарурат ба вуҷуд омад, ки давлат меъёрҳои барои ҳамагон ҳатмии рафторро ташкил намояд ва дар ҷомеа шуури сиёсиии бартаридоштаро ба сифати ғояи синфи ҳукмрон қабул созад.

4. Системаи сиёсии ҷомеа аз замони ба вуҷуд омадани нахустин давлатҳои ғуломдории Шарқ сар карда, то ба олами мутамаддин зина ба зина инкишоф ёфта, чандин давраҳои гузаришро паси сар намудааст. Раванди ташаккулу инкишофи системаи сиёсӣ дар ҳар давраи таърихӣ вобаста ба таъсири омилҳои гуногуни объективию субъективӣ сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки раванди мазкур дар аксари кишварҳои олам яксон нест. Зеро заминаҳои воқеигардии ташаккули системаи сиёсии ин ва ё он мамлакат ба омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии он алоқамандии зич дорад. Раванди ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа истисно нест. Бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳои собиқ Советӣ зарурати ташаккули системаи сиёсии хешро ба миён гузошт. Вобаста ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии бозоргонӣ ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтани он дар системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон низ тағйироти куллӣ ба амал омад.

5. Аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои асосии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бунёди системаи сиёсии устувор ва самаранок ташкил медод. Бадастории истиқлолият ҳамчун омили асосии ташаккули системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои як қатор хусусиятҳост. Пеш аз ҳама, раванди ташаккули давлати Тоҷикистон дар муқоиса бо ҳамаи кишварҳои собиқ Иттифоқи Советӣ бисёр мушкилу мураккаб буд. Бо баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор шуд. Ба вуҷуд омадани чунин ҳолати бухронӣ монеаи ҷиддӣ барои таҳким бахшидани пояҳои давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи системаи сиёсии кишвар гардид. Танҳо пас аз қабули Конститутсия ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имкони воқеӣ ба вуҷуд омад, то қадамҳои нахустин ва устувор дар самти ташкилёбии давлати миллӣ гузошта шавад.

6. Раванди ислоҳоти системаи сиёсӣ дар Тоҷикистон аз як қатор омилҳо вобастагии зич дорад. Яке аз омилҳои асосии муайян намудани тамоюли рушди давлати муосири Тоҷикистон ин таҷдиди назар намудани асосҳои сохтори конститутсионӣ ва низоми ташкилии он ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, дар ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабули Конститутсия аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалию сиёсиро соҳиб гардидааст. Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сарнавиштсоз дар роҳи бунёди давлатдории муосири тоҷикон, пайвастани он бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини амнияти давлатӣ, субот, ваҳдат ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад. Зеро дар он асосҳои системаи сиёсӣ инъикоси арзишӣ ва меъёрии хешро пайдо намудаанд. Воқеан, соҳибистиқлолӣ ва инкишофи мустақилонаи давлат дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа дигаргуниҳои амиқро ба вуҷуд оварда, барои ислоҳоти куллӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва интихоби шакли нави идоракунии давлат замина гузошт. Зарурати ислоҳоти системаи сиёсӣ дар ҷомеа масъалаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, таҷзияи ҳокимият, гуногунандешиву бисёрҳизбӣ, соҳибихтиёрии халқ, эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафолати мавҷудияти моликияти хусусӣ ва дигар принсипҳои муҳимми демократиро ногузир гардонид.

7. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккули системаи сиёсии худ сарфи назар аз бавуҷудоии монеа ва буҳронҳои зиёд (дар мисоли ҷанги шаҳрвандӣ) тавонист, ки дар ин самт ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, системаи сиёсию давлатдориро ба арзишҳои пешрафтаи олами мутамаддин пайванд созад. Дар ин солҳо зербинои давлатдории миллӣ гузошта шуд. Айни замон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои нави ислоҳоти давлатдорӣ барои минбаъд вусъат бахшидан ба раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, устуворгардонии ҷомеаи маданӣ, ки аз фаъолияти назарраси институтҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ ва фаъолнокии сиёсии аҳолӣ вобаста аст, меистад. Ҳамаи ин, бевосита ба ташаккули системаи сиёсии воқеан демократӣ ва бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам модернизатсия шудани ҳаёти сиёсии Тоҷикистон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

**Аҳамияти назариявию методологӣ ва илмию амалии таҳқиқот**. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи Ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст. Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои форматсионӣ, системавӣ, таърихӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, култорологӣ ва ғайра истифода шудааст. Дар диссертатсия аз методҳои анализ ва синтез, индуксия ва дедуксия, муқоиса ва муқобилгузорӣ низ истифода шудааст. Ҳамчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз методҳои

институтсионалӣ, системанокӣ ва таркиботию функсионалӣ низ ба таври мақсаднок истифода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ тағйиротҳои сифатии тайи солҳои истиқлолияти сиёсии кишвар бавуҷудомада мавриди таҳлили ҷамаҷониба қарор гирифтаанд, ки метавон натиҷаҳои бадастовардашударо дар таҳқиқотҳои минбаъда истифода намуд. Онҳо дар раванди таҳлил ва хулосагириҳои омӯзиши мушкилоти шаклгирии давлати муосири Тоҷикистон, такмил додани раванди демократикунонии ҷомеа ва рушди системаи сиёсии Тоҷикистон аҳамияти муҳим доранд. Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин, дар он зоҳир мегардад, ки ба таври назариявӣ падидаҳо ва ҳолатҳои асосии ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешаванд.

Муқаррароти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимияти давлатӣ дар раванди омода намудани консепсияҳо ва стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати демократикунонии системаи сиёсии кишвар истифода намуд. Натиҷаҳои мазкурро, инчунин, метавон ҳангоми омӯзиши предметҳои таълимииии “Системаи сиёсӣ”, “Сиёсатшиносӣ”, “Сиёсатшиносии амалӣ”, “Сиёсатшиносии муқоисавӣ”, “Ҳукумати Тоҷикистон”, “Идоракунии давлатӣ ва сиёсати инноватсионӣ” ва ғайра дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Интихоби мавзуъ, таҳия ва таҳлили ҳамаҷонибаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмӣ-таҳқиқотии муаллиф мебошад. Тамоми давраи татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои инкишофи он” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷуммҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои гуногуни илмию амалии донишгоҳию ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо” (30 ноябри соли 2011, Душанбе), конференсияи дуюми ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ таҳти унвони «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон»

(17-18 майи соли 2016, Душанбе), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Инсон ва озодиҳои ӯ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ” (30 декабри соли 2017, Душанбе), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Recent Scientifik Investigation» (11-12 декабри соли 2021, Осло, Норвегия) ва ғайра дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, ки дарбаргирандаи панҷ зербоб аст, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсияро 170 саҳифаи матни компютерӣ ташкил медиҳад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар муқаддимаи рисолаи диссертатсионӣ аҳамияти омӯзиши мавзуи тадқиқотӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуи интихобшуда таҳлилу баррасӣ гардида, объект ва мавзуи тадқиқот, мақсади тадқиқот, вазифаҳои тадқиқот, навгонии илмии тадқиқот, ҳолатҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию методологӣ ва илмию амалии тадқиқот, саҳми шахсии довталаб, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия нишон дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **«Масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсӣ»** аз ду зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои илмию назариявӣ ва методологии таҳқиқи системаи сиёсии ҷомеа аз нигоҳи консептуалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зербоби якуми боби якум – **«Мафҳум, моҳият ва махсусиятҳои ташаккули системаи сиёсӣ» –** таъкид мегардад, ки системаи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои мураккаби системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, низоми хосаи ташаккул, инкишоф, таназзул ва эҳёро соҳиб аст. Моҳият ва хусусиятҳои назариявию воқеии системаи сиёсии ҷомеа аз сатҳи зоҳиршавӣ ва танзими ҳодисаҳою падидаҳои мухталифи худи ҷомеа вобастаанд. Ҳаёти сиёсӣ ҳамчун системаи ягонаи бонизом дар асоси муносибати системанокӣ баррасӣ мегардад. Ба сифати мафҳуми марказӣ ва бунёдӣ дар ин тарзи муносибат мафҳуми «система» баромад менамояд. Система – ин объект, падида ё равандест, ки аз маҷмуи унсурҳои сифатан муайяни пайвастшуда иборат буда, муносибату робитаи байниҳамдигарии онҳо ваҳдати томро ба вуҷуд меорад, ҳамкории онҳо бо унсурҳои беруна боиси ба вуҷуд омадани дигаргунии системаи худи он мегардад.

Ташаккули назария доир ба мафҳуми «система» дар Ғарб, аслан дар охири асри XIX дар чаҳорчӯбаи «назарияи умумии система» сурат гирифтааст. Дар доираи илмҳои сиёсӣ бошад, система аз маҷмуи равандҳо, институтҳо, рафтори шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фаъолиятнокиву ғайрифаъолии ҷамъиятии одамон, амалу фаъолияти байниҳамдигарии

субъект ва объекти сиёсат иборат аст. Дар алоқамандӣ ба ин, метавон гуфт, ки мафҳуми «системаи сиёсӣ» дар худ маҷмуи ниҳодҳои давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсиятҳо ва иштирокчиёни ҳаёти сиёсии ҷомеаро дар бар мегирад.

Мафҳуми «системаи сиёсӣ» ва истифодаи он чандон таърихи тӯлонӣ надошта, он бори аввал дар доираи илмҳои сиёсӣ дар солҳои 50-уми асри XX мавриди истифода қарор гирифтааст. Бори аввал дар таърихи илмҳои сиёсӣ мафҳуми «системаи сиёсӣ» дар мақолаи олими барҷастаи америкоӣ Д. Истон «Системаи сиёсӣ» тобиши илмӣ пайдо намудааст.

Дар адабиёти илмӣ сотсиологи машҳури америкоӣ Т. Парсонсро ҳамчун яке аз асосгузорони назарияи «система» дар ҳаёти ҷамъиятӣ эътироф менамоянд. Ӯ мафҳуми «системаи ҷамъиятӣ»-ро ҳамчун равобити байниҳамдигарии чор унсури муҳимми ҷомеа: иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ меҳисобад, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ бидуни робитаи мутақобила вуҷуд дошта наметавонад ва танҳо дар якҷоягӣ қобили ҳаёт будани ҷомеаро дар шакли том таъмин менамоянд[1]. Вале дар чунин маъно фаҳмидани системаи ҷамъиятӣ ва баробарқиматии зерсистемаҳои он на танҳо аз ҷониби Т. Парсонс, балки ҳанӯз то замони ӯ низ ҷой дошт. Аз ҷумла, барои марксизм низ чунин фаҳми системаи ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии зерсистемаҳои он бегона нест.

Мафҳуми “системаи сиёсӣ” яке аз мафҳумҳои бунёдӣ дар дар доираи илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи васеи он имконият медиҳад, ки соҳаи ҳаёти сиёсӣ аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ фарқ карда шуда, ҳамчун қисми мустақил ё худ зерсистема дар доираи системаи ҷамъиятӣ баррасӣ гардад.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ шарҳи гуногуни мафҳум ва моҳияти системаи сиёсиро вохӯрдан мумкин аст. Номуайянӣ ва набудани таърифи ягонаи мафҳум, ҳамзамон ба тарзҳои мухталифу ба ҳам зид арзёбӣ намудани мафҳуми «системаи сиёсӣ» аз ҷониби муҳаққиқон дар раванди дарки комили моҳияти мафҳуми мазкур мушкилӣ ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти олимони америкоӣ ҳудуди тақрибан 20 шарҳи мафҳум ва ба ин монанд дар таҳқиқоти олимони франсуз, немис, англис, рус ва ғайра низ таърифҳои гуногуни мафҳуми мавриди назар мавҷуд аст. Дар омӯзиши системаи сиёсӣ муносибатҳои мухталиф ҷой дорад, аз ҷумла, дар ИМА – прагматикӣ, дар Франсия – конститутсионию ҳуқуқӣ, дар Германия – фалсафӣ. Дар баробари ин, ҳангоми таҳқиқу таҳлили масъалаҳои системаи сиёсӣ тарзи муносибат ва тарҳи консепсияҳои гуногун мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки ҳар яке аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида ва ё мактабҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд.

---

[1]Ниг.: Парсонс, Т. Система современных обществ [Текст] / Т. Парсонс. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 1997. – С. 136–142.

Мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа»-ро таҳлилу баррасӣ намуда, қайд кардан мумкин аст, ки он маҷмуи мураккаби таркиботи институтсионалии давлат ва ҷомеа (мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) мебошад, ки ба қоидаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ асос ёфтаанд ва дар доираи он ҳаёти сиёсии ҷомеа ташаккул ёфта, воқеияти ҳокимияти сиёсӣ татбиқ мегардад. Он сатҳ ва шакли баҳамтаъсиррасонӣ баҳри воқеӣ гардонидани ҳокимияти сиёсӣ, идоранамоӣ, роҳбарӣ, танзими равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ мебошад. Мафҳуми «системаи сиёсӣ» нишон медиҳад, ки чи гуна раванди сиёсӣ танзим гардида, ҳокимияти сиёсӣ ташкил ёфта, фаъолият менамояд.

Нисбатан дар сатҳи баланду комилтар назарияи системаи сиёсӣ аз ҷониби сиёсатшиноси амрикоӣ Д. Истон пешниҳод гардидааст. Минбаъд назарияи системаи сиёсӣ инкишофи худро дар корҳои илмии муҳаққиқон Г. Алмонд, Д. Пауэлл, К. Дойч[1] ва ғайра пайдо намудааст.

Муҳаққиқони Ғарб дар раванди таҳлилу баррасии ҷанбаҳои назариявию методологии назарияи системаи сиёсии ҷомеа таваҷҷуҳи худро бештар ба роҳҳои гуногун ва шакли бавуҷудоии он равона сохтаанд. Аҳамияти методологии назарияи системаи сиёсии ҷомеаро сиёсатшиносони Ғарб дар дигар шакли муносибатҳо низ мебинанд. Таҳқиқотҳои зиёде низ мавҷуданд, ки кӯшиши бозкушоии асосҳои методологии онро менамоянд.

Дар баробари донишмандони ғарбӣ, ки кӯшиши бозкушоии комили мафҳуми “системаи сиёсӣ” ва таҳқиқи асосҳои методологию консептуалии онро менамоянд, як қатор муҳаққиқони кишварҳои пасошуравӣ низ ба масъалаи мазкур рӯоварӣ намудаанд.

Дар самти омӯзиши масъалаи системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он, инчунин, олимони тоҷик низ саҳми арзанда гузоштаанд. Махсусан, дар асарҳои илмии Г.Н. Зокиров раванди ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин, муҳаққиқ ҷанбаҳои назариявию методологии масъалаи системаи сиёсиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои таҳлили сохторию функсионалии онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додааст.

Ҳамин тавр, бо назардошти омӯзиши таҷрибаи таърихӣ ва таҳлили адабиёти илмӣ гуфтан мумкин аст, ки системаи сиёсии ҷомеа фазои сиёсие мебошад, ки дар он субъектҳои гуногуни сиёсӣ пайдо гардида, фаъолият менамоянд. Дар заминаи чунин қонуният тӯли солҳои охир барои рушду такомули назарияи системаи сиёсӣ ва барои омӯзиши амалияи сиёсӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст омадаанд: масъалаҳои умумии системаи

---

[1]Ниг.: Алмонд, Г. Сравнительная политология сегодня: Мировой обзор [Текст] / Г. Алмонд, Дж. Пауэлл, К. Сторм, Р. Далтон. Пер. с англ. – М.: Аспект Пресс, 2002. – 537 с.; Дойч, К. Нервы управления. Модель политической коммуникации и контроля [Текст] / К. Дойч. – М.: Мысль, 1993. – 312 с.

сиёсӣ коркард гардидаанд; тасаввуроти илмӣ нисбат ба ин падидаи ҳаёти сиёсии ҷомеа амиқу дақиқ гардидааст; унсурҳои таркибии системаи сиёсӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд; фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ, шароити мавҷудияти меъёрҳои сиёсӣ, режими сиёсӣ ва ташаккулёбии идеологияи сиёсӣ ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ гардидаанд; қонуниятҳои амалишавии алоқаҳои мустақим ва алоқаҳои баргарданда дар байни системаи сиёсӣ ва муҳити берунии он муайян гардидаанд.

Дар зербоби дуюми боби якум – «**Тарҳи институтсионалии системаи сиёсии ҷомеа: хусусиятҳои таркибию функсионалӣ**» – таъкид мегардад, ки ҳангоми таҳқиқу таҳлили масъалаҳои системаи сиёсӣ тарзи муносибат ва тарҳи консепсияҳои гуногун мавриди истифодаанд, ки ҳар яке аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, ё мактабҳои илмӣ пешниҳод гардидаанд. Чунин гуногунрангии муносибат ба системаи сиёсӣ дар доираи марказҳои таҳқиқотӣ бештар сурат мегирад. Аммо дар сатҳи фаҳмиши муқаррарӣ, ду тарзи муносибат: муносибати институтсионалӣ ва муносибати системанокӣ бештар афзалият доранд. Аз ҷумла, муносибати институтсионалӣ, ки системаи сиёсии ҷомеаро тавассути институтҳои сиёсӣ, робитаҳои мутақобила ва баҳамтаъсирбахши онҳо таҳлил менамояд; муносибати системанокӣ, ки дар он системаи сиёсӣ на танҳо тавассути институтҳои сиёсӣ, балки бо воситаи қоидаҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ тавассути омилҳои сиёсӣ, ки дар рафтору фаъолияти одамон таҷассум меёбанд, муайян мегардад.

Инчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои дигар, аз қабили муносибати форматсионӣ, муносибати иҷтимоию кибернитикӣ, муносибати таркиботию функсионалӣ, муносибати културологӣ низ таъкид гардидаанд.

Муносибати форматсионӣ ба марксизм мансуб дониста шуда, мувофиқи он ҳар як форматсияи ҷамъиятию иқтисодӣ системаи сиёсии мувофиқро пайдо менамояд. Мувофиқи таълимоти марксизм нақши асосиро дар системаи сиёсии ҷомеа синфҳо мебозанд. Ҳамзамон, мубориزаи синфӣ воситаи пешрафти ҷомеа ва хосиятҳои сифатан нав пайдо кардани ситемаи сиёсӣ мегардад. Он дар навбати худ, ба қоидаҳо, меъёрҳо ва арзишҳо асос меёбад, ки дар заминаи манфиатҳо ва талаботҳои меҳнаткашон ташаккул ва инкишоф ёфтаанд.

Тарҳи иҷтимоию кибернитикӣ яке аз консепсияҳои аввалини системаи сиёсӣ маҳсуб меёбад, ки аз ҷониби Д. Истон пешниҳод гардидааст. Ӯ ҳаёти сиёсиро ҳамчун зерсистемаи ҷамъиятӣ мавриди таҳлил қарор додааст, ки он на танҳо хосияти иҷтимоию системавӣ, балки хусусиятҳои кибернетикӣ низ дорад. Ин система бо муҳити атроф дар алоқамандӣ қарор дорад, таъсирҳоро қабул намуда, таъсиррасониро низ ба амал мебарорад. Таҳлили системаноки ҳаёти сиёсӣ ба тасаввурот дар бораи система, ки дар муҳите мавҷуд аст ва зери таъсири беруна қарор дорад, такя менамояд.

Дар таҳқиқи системаи сиёсӣ муносибати методологии таркиботӣ-функсионалӣ низ мақоми хос дорад. Онро ҳанӯз сотсиолог ва антропологҳои француз дар солҳои 50-уми асри XX дар сатҳи мухталиф пешниҳод намуда буданд. Аммо тарзи муносибати мазкурро дар илми сиёсӣ Г. Алмонд мавриди истифода қарор додааст. Ӯ шаш навъи таркиботи системаи сиёсиро нишон додааст: қонунбарор, иҷроия, ҳокимияти судӣ, амалдорӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳои фишоровар.

Тарҳи иттилоотӣ-коммуникативӣ низ дар таҳлилу таркиб ва натиҷагирии системаи сиёсии ҷомеа мақоми сазовор дорад. Онро К. Дойч асоснок намудааст. Асоси муносибати мазкурро тасаввурот дар бораи системаи сиёсӣ ҳамчун раванди идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии мушкилиҳои ҷомеа дар хусуси амалигардии мақсадҳо ташкил медиҳад.

Муносибати културологӣ ба таҳқиқи системаи сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ мақом ва нақши муайян дорад. Он ҳамчун муносибати мухолифи системанокӣ ташаккул ёфтааст. Бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла, Г. Алмонд муносибати системанокиро нисбати тамоми ҷомеа ба таври унверсалӣ истифода намекарданд. Барои он ки таъсири сифатҳои културологиро ба системаи сиёсӣ муайян намояд, ӯ мафҳуми «маданияти сиёсӣ»-ро истифода намудааст ва таъсири онро ба системаи сиёсӣ барҷаста медонад. Ҳамчунин, муҳаққиқони дигар низ системаи сиёсиро дар заминаи меъёрҳо, арзишҳо ва тарзи амалҳое тавсиф менамоянд, ки аҳамияти културологӣ дошта, рафтори одамон, фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳои тамоми системаи сиёсиро муайян менамоянд. Аз ҷумла, Ч.Ф. Эндрейн дар ташаккули системаи сиёсӣ мақоми маданияти сиёсиро афзалтар медонад.

Ҳангоми баррасии системаи сиёсии ҷомеа аз нуқтаи назари муносибатҳои гуногун саволҳо оид ба хусусиятҳои хос ва махсусан, тартибдиҳандаи унсурҳои он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамоянд. Қисме аз муҳаққиқон ба сифати унсурии системавии он институтҳои гуногуни ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва ҳамчунин, муносибатҳои сиёсиро таҳқиқ менамоянд. Қисми дигар ба сифати унсурҳои системавии системаи сиёсӣ, ғайр аз институтҳои гуногун, ҳамчунин, коллективҳои меҳнатӣ, синфҳо, халқ, оила, шаклҳои гуногуни худфаъолиятии ҷамъиятӣ, васоити ахбори умум ва ғайраро нисбат медиҳанд. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон ба сифати унсури системавии системаи сиёсии ҷомеа ғояҳои сиёсӣ, нигоҳҳо, тасаввурот, шуури сиёсӣ, идеологияи сиёсӣ ва ғайраҳо дохил менамоянд.

Аз нуқтаи назари сохторӣ системаи сиёсӣ дар худ унсурҳо ва зерсистемаҳои зеринро дар бар мегирад: институтсионалӣ, функсионалӣ, танзимнамоӣ, коммуникативӣ, идеологӣ.

Ҳар яке аз ин қисматҳои системаи сиёсӣ низоми хос, шакли дохилию берунаи ташкилӣ ва роҳу воситаҳои зуҳури худро соҳиб аст. Аз ин мавқеъ системаи сиёсиро ҳамчун маҷмуи арзишҳо, бонизомии институтҳои сиёсӣ, нақш, алоқа, раванд ва принсипҳои сиёсии ташкилии ҷомеа, ки ба сифати

поягузори меъёрҳои муқарраршудаи сиёсию ҳуқуқӣ, арзишҳо ва анъанаҳои маданияти сиёсӣ бaромад менамоянд, шарҳ додан мумкин аст.

Ҳамчунин, дар раванди таҳлили ҷанбаҳои назариявию методологии системаи сиёсӣ фаҳми амиқи навъҳои мухталифи он низ аҳамияти муҳим дорад. Зеро дар таърихи рушди кишварҳои олам системаҳои сиёсии барзиёду мухталиф мавҷуд буданд. Аз замони шаклгирии аввалин давлатҳо то ба ҳол навъҳои мухталифи системаи сиёсии ҷомеа арзи ҳастӣ намудаанд ва махсусан, дар замони муосир навъҳои онҳо хеле зиёданд. Навъи системаи сиёсӣ маҷмуи аломатҳои умумие мебошанд, ки хоси як гурӯҳи системаҳои сиёсӣ ҳастанд. Категорияи мазкур, пеш аз ҳама, ҳолати тағйирёбӣ ва рушди системаи сиёсиро ифода менамояд. Аммо бояд дар назар дошт, ки гурӯҳбандии системаи сиёсӣ бо назардошти масъалаҳои мухталиф амалӣ карда мешавад:

– дар асоси муносибати форматсионӣ системаҳои сиёсии ҷомеаи ғуломдорӣ, феодалӣ, буржуазӣ ва сотсиалистиро аз ҳам ҷудо менамоянд;

– дар асоси муносибати неруҳои сиёсӣ бо воқеият системаҳои сиёсии консервативӣ ва реформистиро низ нишон медиҳанд. Дар шароити мавҷудияти системаҳои сиёсии консервативӣ мавҷудият ва фаъолияти институтҳои сиёсӣ нисбатан устувор мебошанд. Аммо дар шароити системаи сиёсии реформистӣ институтҳои сиёсӣ марҳила ба марҳила ташаккул ёфта, мавқеи худро иваз менамоянд;

– вобаста ба самти рушду инкишоф ва тарзи таъмин намудани он системаҳои сиёсии прогрессивӣ ва реаксиониро низ аз ҳам ҷудо менамоянд;

– аз рӯйи шарту шароити мавҷудияти сохтори сиёсӣ ва шакли зоҳиршавии маданияти сиёсӣ навъҳои зерини системаҳои сиёсиро нишон медиҳанд: системаи сиёсии англо-амрикоӣ, континенталию аврупоӣ, тоиндустриалӣ ва тоталитарӣ.

Ҳамчунин, таснифоти дигаре низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он навъҳои системаи сиёсӣ аз рӯйи меъёрҳои режими сиёсӣ, маҷмуи усул ва воситаи мавҷудияти ҳокимияти сиёсӣ ҷудо карда мешаванд. Режими сиёсӣ муайян месозад, ки мавқеи шахс дар ҷомеа, дараҷа ва хусусияти ҷалбнамоии шаҳрванд ба сиёсат ва тарзҳои мавҷудияти ҳокимияти сиёсӣ чи гуна аст.

Дар алоқамандӣ ба характери режими сиёсӣ (маҷмуи восита ва усулҳои мавҷудияти ҳокимият) системаи сиёсӣ ба тоталитарию авторитарӣ (ғайридемократӣ) ва демократӣ ҷудо карда мешавад.

Ҳамин тавр, системаи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои мураккаби системаи ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, низоми хоссаи ташаккул, инкишоф, таназзул ва эҳёро соҳиб гардидааст. Моҳият ва хусусиятҳои назариявию воқеии системаи сиёсии ҷомеа аз сатҳи зоҳиршавӣ ва танзими ҳодисаҳою падидаҳои мухталифи худи ҷомеа вобастаанд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – **«Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи системаи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб

иборат буда, дар он махсусиятҳои рушди сиёсии кишвар, аз ҷумла, таҳкими истиқлолияти сиёсӣ, ташаккули системаи нави сиёсӣ, тамоюлҳои асосӣ ва дурнамоии рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Масъалаҳои асосии ташаккули системаи сиёсӣ ва хусусиятҳои он»** – таъкид мегардад, ки масъалаи ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии давраи гузариш яке аз мушкилоти умда, мубрам ва доғи рӯз дар низоми илмҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Ин амри воқеист. Чунки системаи сиёсии ҷаҳони муосир ҳамеша дар инкишоф, дигаргуншавӣ, трансформатсия ва модернизатсия қарор дорад. Гузашта аз ин, ҳама гуна тағйирот ва ҷаҳиши сифатие, ки дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд меояд, ба системаи сиёсӣ ва шакли идории давлатҳои гуногун таъсири хешро мегузорад. Раванди аз як системаи сиёсӣ ба системаи дигари сиёсӣ гузаштани ҷомеа зуҳуроти ниҳоят мураккаб ва пуртазод мебошад ва дар сатҳу дараҷаҳои гуногун ва пурихтилоф ба амал меояд.

Дар адабиёти илмӣ марҳалаи муосири раванди ислоҳоти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мафҳуми «трансформатсия» ифода мегардад. Трансформатсия – раванди сиёсии тағйирёбии талаботу шароити мавҷуда ва механизми амалишавии системаи нави сиёсии ҷомеа дар маҷмуъ, ё худ қисматҳои алоҳидаи он, ки барандаи пайдоши шакли нави институтҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ дар ивази шакли идоракунии давлатӣ ва ё режими сиёсӣ мебошад.

Дар навбати худ, метавон тасдиқ намуд, ки тағйирёбии системаи системаи ҷамъиятӣ ҳамчун ҳолати асосию муайянкунанда ва раванди таърихӣ рушди кишварҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Он ба омилҳои гуногуни дохилию беруна алоқаманд буда, вобаста ба макон ва замон метавонад хусусияти дусамта: пешраванда ва таназзулёбандагӣ дошта бошад. То ҳол тағйирёбии системаи системаи ҷамъиятӣ дорои хусусияти асосии ба самти пеш ҳаракаткунандагӣ дошт. Баъзан ҳолатҳое низ мешавад, ки дар як вақт тағйирёбӣ ҳам зуҳуроти мусбӣ ва ҳам манфиро ба худ мегирад.

Воқеан, системаи сиёсии ҷомеа аз замони ба вуҷуд омадани нахустин давлатҳои ғуломдории Шарқ сар карда, то ба олами мутамаддин зина ба зина инкишоф ёфта, чандин давраҳои гузаришро паси сар намудааст. Раванди ташаккулу инкишофи системаи сиёсӣ дар ҳар давраи таърихӣ вобаста ба таъсири омилҳои гуногуни объективию субъективӣ сурат мегирад. Аз ин ҷост, ки раванди мазкур дар аксари кишварҳои олам яксон нест. Зеро заминаҳои воқеигардии ташаккули системаи сиёсии ин ва ё он мамлакат ба омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии он алоқамандии зич дорад.

Раванди ташаккул ва шаклгирии системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа истисно намебошад. Тағйироти сифатие, ки дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар сартосари ҷаҳон ба вуқуъ пайваст, ба Тоҷикистони тозаистиқлол, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад, бетаъсир намонд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тӯли 70 соли асри XX дар доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тарзи истеҳсолоти сотсиалистӣ системаи сиёсӣ ва фишанги идории ҷомеаи хешро ба роҳ монда буд, бо баробари аз байн рафтани системаи ҷаҳонии сотсиализм зарурати ташаккули системаи сиёсии хешро ба миён гузошт. Вобаста ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии бозоргонӣ ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтани он дар системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон низ тағйироти куллӣ ба амал омад.

Қайд намудан бамаврид аст, ки системаи сиёсии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худ аломатҳои трансформатсионӣ ва давраи гузаришро соҳиб аст. Ҳамчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баробари ба даст овардани истиқлолият на танҳо дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, балки дар соҳаи ҳаёти иқтисодӣ низ ислоҳот гузаронида шуд. Вале раванди ислоҳотро бад гардидани вазъияти сиёсиву иҷтимоии кишвар халалдор сохт, ки дар натиҷа ба вазъи иқтисодӣ низ бетаъсир намонд.

Сарфи назар аз он ки системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи муосир ба камолоти пурраи худ нарасидааст, аммо он як қатор махсусиятҳо дорад. Ҳоло дар Тоҷикистон ниҳодҳо ва равандҳое, ки хоси ҷомеаи демократианд, амал менамоянд. Аз ҷумла, риояи принсипи тақсимоти ҳокимият, мавҷудият ва фаъолияти парламенти касбӣ ва ғайраҳо. Дар шароити муосир ниҳодҳои мухталифи сиёсии ҷомеа имкони фаъолият намуданро доранд. Аммо ислоҳоти ҳаёти сиёсии Тоҷикистон давраи аввалро аз сар мегузаронад. Раванду ҳодисаҳои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ давраи муайяни таърихӣ ва заминаҳои заруриро талаб доранд.

Давраи аввали ташаккули системаи сиёсии Тоҷикистон дорои хусусиятҳои ба худ хоси инкишофро соҳиб аст, ки метавон онро дар чунин шакл баён сохт:

– ин давраи гузариш дар натиҷаи барҳам хӯрдани Иттифоқи Советӣ оғоз гардид, ки боиси фалаҷ гаштани таҳкурсии инкишофи минбаъдаи ҷомеаи тоҷикистонӣ гардида буд;

– ин давраи гузариш аз иқтисоди сотсиалистии нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ, аз ягонагии моликияти ҷамъиятӣ ба гуногуншаклии моликият, аз низоми яккаҳизбӣ ба низоми бисёрҳизбӣ, аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба ҷомеаи демократӣ, аз мафкураи давлатии марксистӣ-ленинӣ ба гуногунандешӣ ва ғайра ба ҳисоб мерафт;

– ин давраи бархӯрди анъанаҳои пештара ва арзишҳои нав аст. Дар ин давра қисми калонсоли аҳолӣ тибқи андешаву анъанаҳои пештара зиндагӣ доранд, қисми наврасону ҷавонон бошанд, алалхусус, онҳое, ки замони баъдисоветӣ ба ҳаёт омада, бо анъанаҳои пештара шинос нестанд ва дар рӯҳияи арзишҳои нав, аз ҷумла, арзишҳои бегона тарбия меёфтанд. Дар натиҷа алоқа ва вобастагии байни насли калонсол ва ҷавонони аҳолӣ заиф гардида буд;

– ин давраи мураккаб ва вазнини пешрафт маҳсуб меёфт. Зеро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли кишварҳои дигари собиқ Советӣ, як зумра мушкилиҳо ҳам дар ҳаёти сиёсӣ, ҳам дар ҳаёти иқтисодӣ, ҳам дар ҳаёти иҷтимоӣ ва ҳам дар ҳаёти маънавӣ ба вуҷуд омада буданд;

– Тоҷикистон ба ин давраи гузариш дар шароити тезу тунд гаштани проблемаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гашт, аз қабили кам гаштани захираҳои ашёи хом дар ҷаҳон ва пуршиддат гаштани муборизаи давлатҳои абарқудрат барои ашёи хом, ҳамчунин проблемаҳои экологӣ, демографӣ, хатари терроризми байналхалқӣ, экстремизми сиёсӣ ва ғайра;

– Тоҷикистон раванди таҳаввули системаи сиёсиро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ оғоз намуд.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккули системаи сиёсии худ сарфи назар аз бавуҷудоии монеа ва бухронҳои зиёд (дар мисоли ҷанги шаҳрвандӣ) тавонист, ки дар ин самт ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, системаи сиёсию сохтори давлатдориро ба арзишҳои пешрафтаи олами мутамаддин пайванд созад. Воқеан, пас аз дарёфти истиқлолияти комил дар самти бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд Тоҷикистон босубот қадамҳои устувору пайгирона ниҳода, дар як муддати начандон тӯлонӣ тавонист, ки ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад. Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои минбаъдаи инкишофи системаи сиёсию низоми идории кишвар муайян карда шуда, мутобиқан бунёди ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд ҳамчун мақсади стратегии рушди кишвар муайян гардид. Дар ин замина, бо мақсади татбиқи самаранок ва пиёдасозии чунин арзишҳои мутамаддини ҷомеаи башарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои мушаххасе ба анҷом расонида шуд.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Масъалаҳои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ ва системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – масъалаҳои асосии алоқаманд ба раванди ба даст овардани истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон, вазъияти сиёсии кишвар дар солҳои 90-уми асри XX, ташаккули гуногунандешиву ошкорбаёнӣ, суқути ҳокимияти Ҳизби коммунистӣ, фаъолгардии ҳизбу ҳаракат ва ташкилотҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар ҳаёти сиёсӣ таҳлилу таҳқиқ гардиданд. Ҳамзамон, ҷанги шаҳрвандӣ ҳамчун монеаи асосии рушди истиқлолият ва инкишофи давлати муосири Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таваҷҷуҳи хос ба сарчашмаҳои буҳрони сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодиву мавкуравии ҷомеа, ки ҳолати рушди кишварро дар солҳои 90-ум пурра фаро гирифта буд, нигаронида шуда, ҳамзамон марҳалаҳои рушди истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғоз то ба имрӯз таҳлилу хулосагирӣ карда шудаанд.

Аз лаҳзаи ба даст овардани истиқлолият яке аз самтҳои асосии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бунёди системаи сиёсии устувор ва самаранок ташкил медод. Истиқлолият ҳамчун бузургтарин ва арзишмандтарин дастоварди тоҷикон дар раванди бунёди давлат ва давлатдорӣ дар асри XX ба ҳисоб меравад, ки аввалан шаклгирии давлат дар ҳайати Иттифоқи Советӣ ва баъдан, ташаккул ва камолоти он ҳамчун давлатдории мутамаддину пешрафта сурат гирифтааст.

Истиқлолияти давлатӣ эҳё ва мабдаи рушду такомули арзишҳои олии миллӣ мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд менамоянд: “Озодӣ ва истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишонаи барҷастаи симо ва ташаккули таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувият ва шарти бақои миллат ва пойдории давлат мебошанд. Гузашта аз ин, истиқлолият мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва шарофату эътибори ҷаҳонии миллат аст”[1].

Бадастории истиқлолият ҳамчун омили асосии ташаккули системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои як қатор хусусиятҳост. Пеш аз ҳама, раванди ташаккули давлати Тоҷикистон дар муқоиса бо ҳамаи кишварҳои собиқ Иттифоқи Советӣ бисёр мушкилу мураккаб буд. Бадастории истиқлолиятро як қатор мушкилот, аз ҷумла, набудани таҷрибаи кофӣ дар бунёд ва идоракунии давлати мустақил ҳамроҳӣ намуд. Ҳатто қиёсан вобаста ба буҳрони умумӣ дар фазои собиқ Иттифоқи Советӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як навъ хусусиятҳои даврагӣ ва ҷаҳиши вазъияти буҳронӣ, ки зоҳиран ифодакунандаи тарҳи сиёсӣ ва технологияи сиёсии ин кишвар аст, фарқ менамуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи аз байн рафтани ИҶШС ва канда шудани муносибатҳои умумииттифоқӣ, амалан ҳамчун давлати мустақил қарор гирифт. Аммо вазъияти бадастории истиқлолият аз ҷониби ҷумҳуриҳои бародари иттифоқӣ ба тарзҳои гуногун сурат мегирифт. Аз ҷумла, дар Тоҷикистон таҷрибаи мустақилона бунёд намудани давлат мавҷуд набуд. Дар алоқамандӣ ба ҳолати қайдшуда ва ҳам раванди парокандашавию оғози давраи мустақилият, чи тавре ки муҳаққиқон таъкид менамоянд, ин раванд бисёр дарднок ва мураккаб сурат гирифтааст.

---

[1]Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С. 32.

Чи хеле ки ба мо маълум аст, соли 1992 дар таърихи навини халқи тоҷик ҳамчун давраи пурфоҷиа боқӣ мондааст. Зеро ки дар ин вақт давлатҳои ҳамсояи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар гузашта тақдири умумию ба ҳам алоқаманд доштанд, қадамҳои усуворона дар роҳи рушди истиқлолияти сиёсию иқтисодӣ мегузоштанд, аммо кишвари мо бошад бо ҷурми ҳизбҳои алоҳида ва гурӯҳҳои сиёсӣ-ҷамъиятӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.

Лозим ба ёдоварист, ки бадастории ризоияти миллӣ, сулҳ ва ягонагӣ дар кишвар мантиқан натиҷаи сиёсати дурусти давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан, ҷидду ҷаҳди пайвастаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Дар баробари ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати барқарор намудани фаъолияти ҳамаи зинаҳои сохтору мақомоти фалаҷгардидаи давлатӣ ва ба таври самаранок ба вуҷуд овардани системаи сиёсии ҷомеа замина фароҳам омада, сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти қонунгузор, низоми судӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар кишвар аз нав ташкил карда шуданд ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ оғоз гардид, ки то ба ҳол идома дорад.

Ҳамин тавр, баъди ба даст овардани истиқлолият, новобаста аз пайомади вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки қадамҳои устуворонаи худро ҷиҳати бунёди давлати соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба пеш гузорад. Воқеан, пас аз ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат пеш омад, ки бисёр чизҳоро аз сифр оғоз намояд, мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кунад, вале новобаста аз надоштани таҷрибаи кофӣ дар ин самт низ хеле ҳам муваффақ гардид. Дар ин солҳо зербинои давлатдории миллӣ гузошта шуд. Раванди шаклгирии давлатдории навини тоҷикон дар шароити бисёр вазнин сурат гирифт. Айни замон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои нави ислоҳоти давлатдорӣ барои минбаъд вусъат бахшидан ба раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, устуворгардонии ҷомеаи маданӣ, ки аз фаъолияти назарраси институтҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ ва фаъолнокии сиёсии аҳолӣ вобаста аст, ҷой дорад. Ҳамаи ин, бевосита ба ташаккули системаи сиёсии воқеан демократӣ ва бо назардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам модернизатсия шудани ҳаёти сиёсии Тоҷикистон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Дар зербоби сеюми боби дуюм – **«Тамоюлҳои асосӣ ва дурнамоии рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – масъалаҳои алоқаманд ба ташаккули системаи сиёсӣ ва тамоюли рушди давлати муосири Тоҷикистон таҳқиқ мегардад. Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, ки дар ҳоли шаклгирию инкишофи системаи сиёсӣ, низоми идоракунии давлатӣ, маданият ва шуури

сиёсӣ, низоми идеологию арзишотӣ ва ғайра қарор дорад, баррасӣ шуда, таъкид мегардад, ки ҷавҳари асосии рушди давлати муосири Тоҷикистонро, пеш аз ҳама, рушди давлати миллӣ ташкил медиҳад. Ин давраи муҳимми таърихӣ дар инкишофи давлати навини Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Асоси онро ба инобат гирифтани урфу одат ва анъанаҳои давлатдории миллӣ ташкил медиҳанд. Давлати миллӣ низ ҳимоя ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсонро ҳам дар сатҳи фардӣ ва ҳам дар сатҳи дастаҷамъӣ вазифаи муқаддаси худ меҳисобад.

Бунёди тарҳи тоҷикистонии давлатдории миллӣ-демократӣ, ки бо баҳисобгирии хосиятҳои миллӣ ва махсуси инкишофи иҷтимоӣ асос ёфтааст, ба вазифаҳои муҳимми инкишофи истиқлолияти сиёсии кишвар дохил мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҷрибаи ҷаҳониро ба инобат гирифта, бунёди давлати миллиро таҳким бахшад.

Раванди ташаккул ва шаклгирии давлати миллӣ тавассути роҳу воситаҳои мухталиф ба амал бароварда мешавад. Чи тавре ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таъкид мегардад, раванди ташаккули давлати муосири Тоҷикистон дар асоси ташаккули системаи сиёсӣ дар шароити давраи гузариш тавассути ба роҳ мондани ислоҳоти сиёсӣ сурат мегирад. Ислоҳоти сиёсӣ ҳамчун унсури фаъолияти ҷамъиятӣ-сиёсӣ буда, таъсири назарраси худро ба вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар соҳаҳои системаи сиёсӣ, ки дар навбати худ, истиқлолияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тақвият мебахшанд, мерасонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки мақом ва ҷойгоҳи худро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ пайдо намояд. Чи хеле ки қаблан таъкид гардид, чунин имкониятро бадастории истиқлолияти давлатӣ, ки 9-уми сентябри соли 1991 сурат гирифт, асос гузошт. Ин санаи тақдирсоз ба он хотир аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи парламентӣ, яъне бо роҳи осоиштаю қабули Эъломия дар бораи истиқлолият давлатдории воқеии худро соҳиб гардид. Таҳкурсии асосии давлат гузошта шуда, муҳимтарин принсипҳо – дахлнопазирӣ ва тақсимнопазирии ҳудуди давлат тасдиқ гардид.

Табиист, ки ҳадафи асосии ҳамаи ислоҳоти гузаронидашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин бунёди давлати демократӣ бо иқтисоди бозоргонии ба самти иҷтимоӣ нигаронидашуда мебошад. Аз рӯзҳои аввали рушди мустақилонаи Тоҷикистон лозим омад, то як қатор мушкилот ҳаллу фасл гарданд ва ин таҳияи модели махсуси рушди иҷтимоиро талаб мекард, ки онро «модели тоҷикӣ»-и бунёди ҷомеаи демократӣ номиданд. Роҳе, ки дар тӯли солҳои навсозӣ ба анҷом расид, дуруст ва самаранокии ин моделро тасдиқ кард, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ низ эътироф ва пазируфта шудааст.

Дар тӯли солҳои истиқлолият худи давлат моҳиятан тағйир ёфта, системаи сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври куллӣ таҷдид карда шуд. Услуб ва шаклҳои кор тағйир ёфта, боқимондаҳои низоми тоталитарӣ бартараф карда шуданд. Чунин нақши давлат дар давраи бунёди ҷомеаи

демократӣ ва амалишавию такмили давлатдории миллӣ ба таври пурра собит гардид.

Аммо бо вуҷуди ин дастовардҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло низ дар марҳалаи тақдирсози таҳкиму тақвияти пояҳои давлати худ қарор дорад ва он саъю талошҳои минбаъдаро ба хотири ҳалли масъалаҳои умдаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиро тақозо менамояд. Дар шароити феълӣ бисёре аз принсипҳои ҷомеаи демократӣ, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд, воқеияти худро тадриҷан дар амалияи ҷамъиятӣ пайдо намуда истодаанд. Аммо, агар мо аз мавқее ба масъалаи ташаккули ҷомеаи демократӣ дар Тоҷикистон назар афканда, баён намоем, ки воқеан демократия дар тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ ва системаи сиёсӣ татбиқи комили худро ёфтааст, ин ҳанӯз хеле барвақт аст. Зеро бо ҷой додани принсипҳои демократӣ дар низоми қонунгузорӣ ҳанӯз воқеият доштани онҳоро дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ собит наменамояд. Аммо метавон бо итминон таъкид намуд, ки Тоҷикистон қадамҳои устуворонаи худро бо назардошти таҷрибаи кишварҳои мутамаддини олам дар ин самт гузошта истодааст ва эҳтимол дорад, ки минбаъд он ба сифати яке аз кишварҳои демократии пешрафта мубаддал гардад.

Дар баробари муваффақиятҳое, ки вобаста ба тамоюлҳо ва дурнамои рушди давлати муосири Тоҷикистон ибрози назар гардид, як қатор монеаҳое низ вуҷуд доранд, ки ҳамчун таҳдид ва хатар ба таъмини амнияти миллӣ ва истиқлолияти сиёсии кишвар ба ҳисоб меравад. Вобаста ба тазодҳову бархӯрди манфиатҳои давлатҳо ва тамаддунҳо дар шароити ҳозираи инкишофи олам таъмини амнияти миллии кишварҳои алоҳида ва минтақаҳо таваҷҷуҳи хоссаро тақозо дорад. Масъалаи мазкур нисбат ба қабл боз ҳам рӯзмарратар гардида, муносибати хоссаи мутақобилаи акторҳои сиёсати ҷаҳониро ҷиҳати воқеият бахшидан ба он зарур мешуморад. Зеро амният ҳам дар сатҳи шахсӣ ва ҳам сатҳи миллию байналхалқӣ тадриҷан бо таҳдидҳои шадид мувоҷеҳ мегардад. Аз ин ҷост, ки муҳаққиқон ва сиёсатмадорони сатҳи гуногун дар пайи дарёфти роҳу воситаҳои самараноки таъмини амнияту бехатарӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, омӯзиш, таҳлил ва натиҷагирии масъалаҳои сиёсии тамоюли инкишофи давлати муосири Тоҷикистон, ки марҳалаи ташаккулу инкишофи системаи сиёсиро аз сар мегузаронад, аҳамияти муҳимми назариявию амалӣ дорад. Вобаста ба таҳлилу таҳқиқи масъалаи мавриди назар қайд намудан зарур аст, ки тамоюли асосии инкишофи давлати муосири Тоҷикистонро масъалаҳои демократикунонии системаи сиёсии ҷомеа, ташаккули ҷомеаи маданӣ ва бунёди давлати иҷтимоӣ ташкил медиҳад.

Дар **хулоса** натиҷаҳои бадастомада ҷамъбаст гардида, тавсия ва пешниҳодҳои муаллиф ироа шудаанд.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи илмии масъалаҳои ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои инкишофи он, пешниҳоди чунин хулоса ва тавсияҳо лозим дониста мешаванд.

1. Системаи сиёсии ҷомеа – ин маҷмуи томи институтҳои сиёсӣ, иттиҳодяҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, шакл, меъёр ва принсипҳои ҳамкории байниҳамдигарии онҳо, ки дар натиҷа ҳокимияти сиёсӣ амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад. Ба ибораи дигар, системаи сиёсиро ҳамчун хусусияти сифатии тартиботи сиёсӣ, ки шаҳодати дараҷаи бонизомию ташкилии дохилӣ ва якхелаи ҳокимият вобаста ба унсурҳои асосии таркиби он мебошад, шарҳ додан мумкин аст. Воқеан, системаи сиёсӣ яке аз мафҳумҳои меҳварӣ дар доираи илмҳои сиёсӣ аст. Истифодаи он имконият медиҳад, ки ҳаёти сиёсӣ аз соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ ҷудо карда шуда, ҳамчун қисми мустақил, ё худ зерсистема дар доираи системаи ҷамъиятӣ баррасӣ гардад [3–М].

2. Мафҳуми “системаи сиёсӣ” моҳиятан аз мафҳуми “давлат” васеътар буда, имконият медиҳад, ки зуҳуроти сиёсӣ нисбатан дар сатҳи баланду амиқтар таҳлил гардад. Инчунин, он имконият медиҳад, ки муқоисаи возеҳи системаи сиёсии кишварҳои мухталифи олам сурат гирад ва хусусиятҳои умумию фарққунандаи онҳо баён гарданд [3–М].

3. Ҷомеаи инсонӣ аз замони ба вуҷуд омаданаш ҳамеша дар ҳоли тағйироту инкишоф ва пешравӣ қарор дорад. Ин тағйирот дар асоси қонуниятҳои объективии инкишофи ҷомеа сурат мегирад. Таърихи рушди ҷомеаи инсонӣ худ гувоҳи он аст, ки ҳар гуна тағйирот, пешравӣ ва дигаргуншавии ҷомеа бо шаклҳои ба худ хос ва бо таъсири омилҳои гуногун дар шароитҳои мухталиф ба вуҷуд меояд. Давлат, ки яке аз унсурҳои муҳимми системаи сиёсии ҷомеа ба ҳисоб меравад, аз ин тағйироту дигаргуншавӣ ва инкишоф истисно нест [1–М].

4. Системаи сиёсии давлатҳои ҷаҳони муосир ҳамеша дар инкишоф, дигаргуншавӣ, трансформатсия ва модернизатсия қарор доранд. Гузашта аз ин, ҳама гуна тағйирот ва ҷаҳиши сифатие, ки дар ҷаҳони муосир ба вуҷуд меояд, ба системаи сиёсӣ ва шакли идории давлатҳои гуногун таъсири хешро мегузорад. Раванди аз як системаи сиёсӣ ба системаи дигари сиёсӣ гузаштани ҷомеа зуҳуроти ниҳоят мураккаб ва пуртазод мебошад ва дар сатҳу дараҷаҳои гуногун ва пурихтилоф ба амал меояд. Аз ин рӯ, раванди гузариш аз як системаи сиёсӣ ба системаи дигари сиёсӣ дар аксар маврид ҷомеаро ба мушкилот ва монеаҳои зиёд дучор мегардонад [4–М].

5. Бо баробари аз байн рафтани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Тоҷикистон низ чун дигар кишварҳои собиқ Советӣ зарурати тағйири системаи сиёсии хешро ба миён гузошт. Вобаста ба тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне ташаккул ва инкишофи муносибатҳои

ҷамъиятии бозоргонӣ ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро гирифтани он, дар системаи сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Ҳадафи асосии тағйири системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташаккули ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ва маданӣ ташкил медиҳад. Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои минбаъдаи инкишофи системаи сиёсию низоми идории кишвар муайян карда шуда, мутобиқан бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд ҳамчун мақсади стратегии рушди кишвар муайян гардид. Дар ин замина, бо мақсади татбиқи самаранок ва пиёдасозии чунин арзишҳои мутамаддини ҷомеаи башарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои мушаххасе ба анҷом расонида шуд [1–М].

6. Пас аз дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар самти бунёди ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд Тоҷикистон қадамҳои устувору пайгирона ниҳода, дар як муддати начандон тӯлонӣ тавонист, ки ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардад. Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ташаккулу инкишофи системаи сиёсии худ сарфи назар аз бавуҷудоии монеа ва бухронҳои зиёд (дар мисоли ҷанги шаҳрвандӣ) тавонист, ки дар ин самт ба пешравиҳои назаррас ноил гардида, системаи сиёсию низоми давлатдориро ба арзишҳои пешрафтаи олами мутамаддин пайванд созад [2–М].

7. Баъди ба даст овардани истиқлолият, новобаста аз пайомади вазнини ҷанги шаҳрвандӣ, мушкилоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиву маънавӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, ки қадамҳои устуворонаи худро ҷиҳати бунёди давлати соҳибихтиёру демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ ба пеш гузорад. Воқеан, пас аз ба даст овардани истиқлолият ба Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур пеш омад, ки бисёр корҳоро аз сифр оғоз намояд, мавқеи худро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо кунад, вале новобаста аз надоштани таҷрибаи кофӣ дар ин самт низ хеле ҳам муваффақ гардид. Дар ин солҳо зербинои давлатдории миллӣ гузошта шуд [6–М].

8. Дар тӯли солҳои истиқлолият худи давлат моҳиятан тағйир ёфт – системаи сиёсӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври куллӣ таҷдид карда шуд. Услуб ва шаклҳои кор тағйир ёфта, боқимондаҳои низоми тоталитарӣ бартараф карда шуданд. Чунин нақши давлат дар давраи бунёди ҷомеаи демократӣ ва амалишавию такмили давлатдории миллӣ ба таври пурра собит гардид. Дар шароити феълӣ бесёре аз принсипҳои ҷомеаи демократӣ, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд, воқеияти худро тадриҷан дар амалияи ҷамъиятӣ пайдо намуда истодаанд [5–М].

9. Раванди шаклгирии давлатдории навини тоҷикон дар шароити бисёр вазнин сурат гирифт. Айни замон дар назди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои нави ислоҳоти давлатдорӣ барои минбаъд вусъат бахшидан ба раванди демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ, усуворгардонии ҷомеаи маданӣ, ки аз фаъолияти назарраси институтҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ ва фаъолнокии сиёсии аҳолӣ вобаста аст, ҷой дорад. Ҳамаи

ин, бевосита ба ташаккули системаи сиёсии воқеан демократӣ ва бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи олам модернизатсия шудани ҳаёти сиёсии Тоҷикистон алоқамандии ногусастанӣ дорад [6–М].

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

1. Дар шароити муосир ҳифзи истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ яке аз масъалаҳои муҳимтарин ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳар як давлати соҳибистиқлол аз ҳамаи имкониятҳои мавҷудаи худ истифода намуда, кӯшиш менамояд, ки истиқлолияти сиёсӣ, томияти арзии кишвар ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҳдидҳои дохилаю беруна ҳифз намояд. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки мардуми Тоҷикистон дар атрофи ғояи «Тоҷикистони соҳибистиқлол – Ватани ягонаи мо» муттаҳид гарданд. Гуфтан мумкин аст, ки танҳо чунин идея ҳамчун омили меҳварии муттаҳидкунандаи тамоми мардуми Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, маҳал, забон, дин ва мавқеи сиёсӣ баромад менамояд.

2. Тоҷикистонро зарур аст, ки мушаххасан ғояи марказии истиқлолияти сиёсиро муайян намуда, онро ташвиқу тарғиб ва ба унсури муҳимми арзишҳои сиёсии ҷомеа табдил диҳад. Ғояи конститутсионализм, парламентаризм ва идоракунии самараноки ҷомеа ҳамчун омили муҳимтарини марҳалаи кунунии инкишофи таърихӣ эътибори оммавӣ пайдо намуда, дар сатҳи ҷаҳонбинии мафкуравӣ ҷонибдорӣ гарданд.

3. Вобаста ба вазъияти геопалитикии Тоҷикистон ва кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ эҳтимолияти пайдоиш ва авҷ гирифтани сатҳ ва шакли мухталифи ҷараёнҳои ифротгароӣ вуҷуд доранд. Ба инобат нагирифтани онҳо пайомади манфиро ба бор меоварад. Онро ҳамчун даъват ва таҳдидҳои нави олам дониста, ҷиҳати дарёфти роҳҳои мувофиқи мубориза бар зидди он чораҳои таъхирнопазир бояд андешид.

4. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳон зери таъсири равандҳои глобализатсионӣ бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат шиддат ёфта, хавфи терроризми байналмилалӣ, экстремизми динию сиёсӣ, ҷинояткориҳои муташаккилонаи фаромиллӣ, бухронҳои сиёсӣ, мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, муҳоҷирати идоранашаванда, таҳдид ва хатарҳои доимӣ, сепаратизм, маҳалгароӣ, коррупсия ва ғайра густариш меёбанд. Бинобар ин, зарур аст, ки нисбат ба амнияти миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти давлатӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

## ИНТИШОРИ НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

### I. Мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

1–М. Холов, Х.Қ. Трансформатсияи системаи сиёсии Тоҷикистон дар шароити муносибатҳои ҷамъиятии гузариш [Матн] / Х.Қ. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – № 3/9 (154). – С. 120–124. ISSN 2074–1847

2–М. Холов, Х.К. Вопросы трансформации политической системы и её особенности в условиях переходного периода в современном таджикском обществе [Текст] / Х.К. Холов // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. Ч. II. – № 3/11 (188). – С. 126–131. ISSN 2074–1847

3–М. Холов, Х.Қ. Масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи системаи сиёсӣ [Матн] / Х.Қ. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 7. – С. 270–276. ISSN 2413–5151

4–М. Холов, Х.Қ. Масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи трансформатсияи системаи сиёсӣ [Матн] / Х.Қ. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – № 8. – С. 286–290. ISSN 2413–5151

5–М. Холов, Х.Қ. Тамоюлҳои асосии ташаккул ва инкишофи системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн] / Х.Қ. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 1. – С. 183–191. ISSN 2413–5151

6–М. Холов, Х.Қ. Масъалаҳои таҳкими истиқлолияти сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Г.Н. Зокиров, Х.Қ. Холов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 5. – С. 264–272. ISSN 2413–5151

## II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо

7–М. Холов, Х.Қ. Дигаргуниҳои системаи сиёсии Тоҷикистон дар замони муосир [Матн] / Х.Қ. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Маърифати иҷтимоӣ: масъалаҳо, анъанаҳо, дурнамо” (30 ноябри соли 2011). – Душанбе, 2011. – С. 154–160.

8–М. Холов, Х.Қ. Давлат дар шароити трансформатсияи системаи сиёсии ҷомеа [Матн] / Х.Қ. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ таҳти унвони «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон» бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (17-18 майи соли 2016). – Душанбе, 2016. – С. 28–32.

9–М. Холов, Х.Қ. Раванди демократикунонии системаи сиёсии Тоҷикистони муосир [Матн] / Х.Қ. Холов // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии “Равандҳои ҷаҳони муосир ва ояндабинии иҷтимоӣ” (30 ноябри соли 2016). – Душанбе: Пойтахт, 2017. – С. 94–100.

10–М. Холов, Х.Қ. Робитаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн] / Х.Қ. Холов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии “Инсон ва озодиҳои ӯ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ” (30 декабри соли 2017). – Душанбе: Пойтахт, 2018. – С. 141–145.

11–М. Холов, Х.Қ. Бадастоварии истиқлолият ҳамчун омили асосии ташаккули системаи нави сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Х.Қ. Холов // Истиқлолияти давлатӣ – дарки масъулияти ватандорӣ. ( Маҷмуи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2019. – С. 85–90.

12–М. Холов, Х.К. Формирование и развитие политической системы Республики Таджикистан в современных условиях [Текст] / Х.К. Холов // Материалы международная научно-практическая конференция «Recent Scientifik Investigation» (11-12 декабря 2021 г.). – Осло (Норвегия). – 2021. – № 91. – С. 204–217. ISSN 978–82–73–46–353–1

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Холов Хушбахт Қодирович дар мавзуи «Ташаккули системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои инкишофи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Калидвожаҳо:** системаи ҷамъиятӣ, системаи сиёсӣ, тарҳи институтсионалӣ, трансформатсия, модернизатсия, истиқлолияти сиёсӣ, давлати миллӣ, давлати муосири Тоҷикистон.

Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пажӯҳиш, таҳлилу натиҷагирии хусусиятҳо, ҷараёни инкишоф ва пайомадҳои ташаккул ва таҳкими системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони соҳибистиқлолӣ ташкил медиҳад.

Ба сифати асосҳои методологӣ дар раванди таҳқиқот аз муносибатҳои форматсионӣ, системавӣ, таърихӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, културологӣ ва ғайра истифода шудааст. Инчунин, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз методҳои институтсионалӣ, системанокӣ ва таркиботию функсионалӣ низ ба таври мақсаднок истифода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф бештар ба муқаррарот ва хулосаҳои назариётчиёни илмҳои сиёсӣ, муҳаққиқони барҷастаи Ғарб, рус, тоҷик ва ғайра, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқотӣ рӯоварӣ намудаанд, такя намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз мақсад ва вазифаҳои пешгузошташуда бармеояд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявию методологии мафҳуми «системаи сиёсии ҷомеа» ва унсурҳои таркибии он таҳлил гардида, тарҳи институтсионалии системаи сиёсӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамчунин, барои дарки шароит, ташаккулёбӣ ва рушди системаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода шуда, тамоюлҳои асосӣ, дурнамои инкишоф ва монеаҳои рушди ҳаёти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳозира нишон дода шуданд.

Муқарраороти асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқотро метавон дар кори мақомоти муайяни ҳокимяти давлатӣ дар раванди омода намудани консепсияю стратегияҳои минбаъдаи инкишоф ва барномаҳои мақсаднок ҷиҳати рушди минбаъдаи системаи сиёсии кишвар истифода намуд.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Холова Хушбахта Кодировича на тему: «Формирование политической системы Республики Таджикистан и особенности ее развития» на соискание ученой степени кандидата политических наук по специальности 23.00.02 – Политические институты, процессы и технологии**

**Ключевые слова:** социальная система, политическая система, институциональная модель, трансформация, модернизация, политическая независимость, национальное государство, современное государство Таджикистан.

Основной целью диссертационного исследования является изучение, анализ и обобщение особенностей, процесса развития и последствий формирования и укрепления политической системы Республики Таджикистан в период обретения независимости.

В качестве методологических основ в исследовательском процессе использовались формационный, системный, исторический, структурно-функциональный, культурологический и другие аналитические подходы. В диссертационных исследованиях также целенаправленно использовались институциональные, системные и структурно-функциональные методы.

В своем диссертационном исследовании автор во многом опирался на положения и выводы теоретиков политической науки, видных западных, российских, таджикских и других ученых, непосредственно занимавшихся данной проблемой.

Научная новизна исследования обусловлена поставленными целями и задачами. В диссертационном исследовании анализируются теоретико-методологические аспекты понятия «политическая система общества» и ее компонентов, а также рассматривается институциональная конструкция политической системы. Также были предприняты усилия для осмысления условий, формирования и развития политической системы Республики Таджикистан, выделения основных тенденций, перспектив и препятствий развития политической жизни Республики Таджикистан в сложившейся ситуации.

Основные положения, выводы и практические рекомендации исследования могут быть использованы в работе отдельных государственных органов в процессе разработки концепций и стратегий дальнейшего развития и целевых программ дальнейшего развития политической системы страны.

**ANNOTATION**

**For the dissertation of Kholov Khushbakht Kodirovich on the theme: «Formation of the political system of the Republic of Tajikistan and features of its development» for the degree of candidate of political sciencesin specialty 23.00.02 – Political institutes, processes and technologies**

**Key words**: social system, political system, institutional model, transformation, modernization, political independence, nation state, modern state of Tajikistan.

The main purpose of the dissertation research is to study, analyze and generalize the features, the process of development and the consequences of the formation and strengthening of the political system of the Republic of Tajikistan during the period of gaining independence.

Formative, systemic, historical, structural-functional, cultural and other analytical approaches were used as methodological foundations in the research process. Institutional, systemic and structural-functional methods were also purposefully used in dissertation research.

In his dissertation research, the author largely relied on the provisions and conclusions of political science theorists, prominent Western, Russian, Tajik and other scientists who were directly involved in this problem.

The scientific novelty of the research is due to the set goals and objectives. The dissertation research analyzes the theoretical and methodological aspects of the concept of "political system of society" and its components, and also examines the institutional structure of the political system. Efforts were also made to comprehend the conditions, the formation and development of the political system of the Republic of Tajikistan, highlight the main trends, prospects and obstacles to the development of the political life of the Republic of Tajikistan in the current situation.

The main provisions, conclusions and practical recommendations of the study can be used in the work of individual state bodies in the process of developing concepts and strategies for further development and target programs for the further development of the country's political system.

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

На правах рукописи

**УДК: 32.001 (575.3)**
**ББК: 66.4 (2 таджик)**
**Х – 66**

**ХОЛОВ ХУШБАХТ КОДИРОВИЧ**

# ФОРМИРОВАНИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ОСОБЕННОСТИ ЕЕ РАЗВИТИЯ

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание ученой степени
кандидата политических наук по специальности 23.00.02
– Политические институты, процессы и технологии

**ДУШАНБЕ – 2022**

Диссертация выполнена на кафедре политологии Таджикского национального университета.

**Научный руководитель**: **Зокиров Гулмаҳмад Нозиович** – доктор политических наук, профессор кафедры политологии Таджикского национального университета

**Официальные рецензенты:** **Рахимов Мухсин Хусейнович** – доктор философских наук, профессор кафедры общественных наук Таджикского технического универстета имени академика М.С. Осими;

**Комилбек Амид Ёрбек** – кандидат политических наук, доцент, проректор по науке и инновациям Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

**Ведущая организация:** Таджикский аграрный университет имени Шириншох Шохтемур

Защита состоится «15» апрели 2022 года в «$16^{00}$» часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–001 при Таджикском национальном университете по адресу (734025, г. Душанбе, Буни Хисорак, учебный корпус 15, e-mail: tgnu@mail.tj. Тел. (+992) 919-60-69-66).

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке Таджикского национального университета (г. Душанбе, проспект Рудаки, 17) и на официальном сайте ТНУ www.tnu.tj.

Автореферат разослан «____» ________ 2022 года.

Ученый секретарь
Диссертационного совета,
доктор философских наук Муминов А.И.

# ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА РАБОТЫ

**Актуальность темы исследования.** Формирование политической системы общества как существенной, необходимой и актуальной проблемы имеет научно-теоретическое и практическое значение и является одним из ключевых вопросов политической науки. Этот вопрос обсуждается и исследуется учеными на протяжении нескольких десятилетий. В частности, его исследование приобрело особое научное значение в контексте общественных отношений в период политических преобразований. Таким образом, изучение политической системы Республики Таджикистан, ее различных особенностей, проблем и перспектив развития приобретает особое значение и занимает особое место в становлении новой системы национальной государственности.

Основные тенденции становления политической системы Республики Таджикистан и особенности процесса ее развития относятся к 90-м годам XX века. В процессе перехода от коммунистической к демократической системе Республика Таджикистан столкнулась с рядом проблем, типичных для стран, переходящих от одной системы к другой. В частности, упадок экономической системы, политический кризис, гражданская война, социальные конфликты, местные тенденции, административная и криминальная коррупция, нестабильность демократических институтов и так далее. Особенности политического развития страны зависят не только от системы изменения самой политической системы, но и от становления нового государства и его сложных параллельных процессов.

